**Маслиҳати мутахассис**

**Кишти тирамоҳии зироатҳои ғалладонагӣ.**

**Гандуми тирамоҳӣ.**

Таъмини аҳолии Тоҷикистон бо ғалла яке аз масалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Барои пурра таъмин намудани талаботи хоҷагии халқи Тоҷикистон ҳар сол на камтар аз 1,5 млн. тонна ғалла зарур аст. Дар ҷумҳурии мо асосан гандумро дар тирамоҳ мекоранд.  Дар ин мавсим растанӣ метавонад намии боришоти давраи тирамоҳ ва зимистону аввалӣ баҳорро самаранок истифода барад. Ин аст, ки гандуми тирамоҳӣ нисбати баҳори серҳосил мебошад.

Навъҳои гандуми барои кишт тавсия шуда: аз гандумҳои сахт- Ватан, Бахт, Президент, Шамъ, Батька, Ласточка ва Дельта; аз гандумхои мулоим – Прогресс, Жагер,Сете- Серрос, Наврӯз, Сомонӣ ва Сафедаки маҳаллӣ. Давраи нашъунамои гандум вобаста аз наъвҳои он ва мӯҳлати kишташ  75 – 115 баҳори ва тирамоҳӣ 240 – 320 рӯзро ташкил менамояд.

Барои кишт пеш аз ҳама коркрди хокро гузаронидан лозим мебошад. Коркарди хок аз шудгори замин, ки бо воситаи испорҳои (плугҳои) ПН-3-35, ПЯ 4-35-и пешпочадор (предплужник) ба тракторҳои ДТ-75, Т- 80/82, Т – 40 пайваст шудаанд, гузаронида мешавад. Чуқурии шудгори замин  на кам аз  25 – 30 см. бояд бошад. Пас аз шудгор заминро дам дода  бо мурури сабзидани алафҳои бегона  тавассути мухашшакҳо (лушильник) тамғааш ЛДГ – 5, ЛДГ – 10 ё ки бо нармкунакҳо (культиваторҳо) дар чуқурии 8 -10см. вобаста ба ҳолат ва вазъи пайдошавии алафҳои бегона коркарди қабатӣ гузаронида мешавад. Пеш аз кишт, борои майда кардани кулуххо ва ҳамвор намудани майдон сихмолаҳои дандондори БЗТС – 1,0 дар чуқурии 8 – 10см. ва моларо дар кундалангии замин истифода мебаранд.

Дар вилояти Суғд мӯҳлати  оптималии кишти гандуми тирамохӣ моҳи сентябрь ва октябрь мебошад. Усули кишти гандум яклухти каторӣ буда бо воситаи ғаллапошакҳои СЗ – 3,6, СЗУ 3,6 ва СЗТ – 3,6 гузаронида мешавад. Меёрӣ сарфи тухми дар заминҳои лалмӣ 110 – 120 кг/га, дар заминхои обӣ 160 – 180 кг/га-ро бояд тшкил диҳад, ки он зичии аз 3,5 то 5,0 млн/га ниҳолро таъмин менамояд. Чукурии кишти тухмӣ дар заминхои лалмӣ 5 – 6 ва дар заминхои обӣ 4 -5 см. бояд бошад. Дар заминҳои обӣ дарҳол баъди кишт барои обмонӣ ҷӯякҳо мекашанд. Барои кишт тухмиҳои дараҷаи якум, репродукцияи 1 – 3, ки дорои тозагии 99% ва қобилияти нешзаниашон на кам аз 95% буда, истифода бурда мешаванд. Барои безарар кардани тухмиҳо аз ҳашароту барангезандагони касалиҳо (зангзанӣ, сиёхаки гарда ва сахт) заҳрдоруҳо ба монанди Витовакс 200, 75%, хокаи таршаванда – 3кг/т, агросид (фундазол) 50% хокаи таршаванда- 3кг/т истифода бурда мешавад.

Нигоҳхубини киштҳо аз сихмолакунӣ, ғизодиҳӣ, обёрӣ, мубориза муқобили алафхои бегонаю  ҳашаротхои зараррасон ва касалихо иборат мебошад.
Авали бахор ҳангоми имконият додани ҳолати физикии хок баробари ғизодихии якӯми киштзорҳо, сихмола гузаронида мешавад. Сихмола айратцияи хокро хуб карда, киштзорхоро аз хасу хошок ва алафхои бегонаи калонбутта тоза мекунад.

Дар заминҳои обӣ барои ҳосилнокии 45-50 ц/га меъёрӣ солонаи нуриҳо 120-130кг/га азот, 80-90130кг/га фосфор ва 50-60кг/га калий - ро бояд ташкил намояд. Ғизодиҳӣ дар ду давра: панчазанӣ - 30% нуриҳои азотӣ ва дар давраи найчабарорӣ 50% нурихои азоти дода мешавад. Меъёри солонаи нуриҳои фосфорӣ ва калий пеш аз коркарди асосии хок- шудгор ва 20% нуриҳои азотӣ ҳангоми кишт дода мешавад.

Гандум ба объёрӣ эҳтиёҷи калон дорад ва дар давраи нашъунамояш вобаста ба таъмин будани намӣ аз ҳисоби боришот 3-4 маротиба бояд объёрӣ карда шавад. Меъёри ҳар як объёрӣ 600-800м3/га – ро бояд ташкил дихад.

Дар давраи нашунамои гандум зидди касалиҳо заҳрдорухои ТИЛТ -0,5кг/га, Аллто – 0,25кг/га, зидди ҳашаротхо Десис 0,2-0,25 л/га, БИ- 58 Новый 0,9-1,1л/га ва дигарҳо истифода бурда мешавад. Бар зидди алафҳои бегонаи яксолаи дупаллагӣ дар давраи панчазанӣ гербесиди Базарган 48% - 2 – 4 л/га ё Банвел 0,15- 0,5л/га пошида мешавад.

Дар шароити вилояти Суғд мӯҳлати пурра пухта расидани ҳосили гандум вобаста аз ҳарорати ҳаво ба даҳаи дуйӯм - сайӯуми моҳи июнь дуруст меояд. Усули ғунучини ҳосил дарави яклухт буда бо воситаи комбайнхои галладаравии СК – 5М, «Нива», СК -6 гузаронида мешавад.

**<u>Ҷав</u>**

Ҷав аз рӯи истифодабариаш зироати серсоҳа буда аҳамияти озуқаворӣ – хурокӣ, техникӣ ва емию хошокӣ дорад. Дони ҷав хӯрокаи емии пурбаҳоюю бемисол буда, дар таркибаш тамоми маҷмӯи аминокислотаҳое,ки барои инкишофи чорво зарур аст, мавҷуданд. Дони ҷав дар хӯрокаҳо ягона манбаи протеини ғаллагӣ аст. Як килограмм дони ҷав 1,2 воҳиди хурока дорад. Он тирамоҳ ва ҳам баҳорон кишт карда мешавад. Бисёртар кишти баҳори ҳам дар заминҳои обӣ ва лалмӣ кошта мешавад.

Навъҳои дар вилояти Суғд паҳншуди ҷав: Ченад 345, Ҷӯлпон, Айкар, Ифтихор 86 Циклон Росава мебошанд. Давраи нашунамои ҷав вобаста аз ҳарорати ҳаво аз 165 то 200 рӯзро ташкил менамояд. Ҷамъи ҳарорати фаъол барои навъхои тезпаз 1000 – 1500 гр. целция ва барои навъҳои дерпаз 1900 – 2000 гр. целцияро ташкил медиҳад.

Коркарди хок, тамоми агротехникаи нигоҳубини ҷав дар давраи нашунамо ва ҳам ҷамоварии ҳосил ба монанди агротехникаи гандум мебошад.

**Лоиҳаи «Баланд бардоштани маҳсулнокии об дар замин» бо маблағгузории SDC Шведсария ба роҳ монда шудааст.**

**Директори ТҶ «Мушовири Иригатсиони Аграрӣ» номзади илми хоҷагии қишлок, доцент Исамутдинов С. И.**